«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. _____

«14» _____04_____ соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзӯи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳкиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо, дар

конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ироа гардидааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) муаллиф дар рафти таҳлил муайян кардааст, ки ҷанбаҳои гуногуни м. 63 КҶ ҶТ бо талаботи мақомоти судӣ вобаста ба мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи татбиқи он сабаб шудааст. Аксар вақт судҳо ба сифати ҳолатҳои мустасной ҳамаи ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун номбаршуда ва номбарнашударо эътироф менамоянд. Зимнан, онҳо бисёр вақт сабабҳои «мустасной» эътироф намудани ҳолатҳои сабуккунандаи номбаршударо асоснок наменамоянд ва баён намекунанд, ки чӣ тавр ҳолатҳои зикргардида дар ҳолати мушаххас дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро хеле кам менамоянд ва барои чӣ онҳо асос барои татбиқи м. 63 КҶ ҶТ баромад мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои Суди Олии ҶТ дар соли 2016 нисбати 2012 нафар, дар соли 2017 – 1989, 2018 – 2006, 2019 - 1921, 2020 – 1706 нафар бо истифода аз м. 63 КҶ ҶТ ҷазои сабуктар таъин гаштааст.

Чунин татбиқи фаъоли м. 63 КҶ ҶТ ба андешаи муаллиф дар навбати аввал бо номукаммалӣ ва норавшании муқаррароти он сабаб шудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад ҳама гуна ҳолатҳои сабуккунандаро мустасной тафсир намоянд (саҳ.4).

б) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи он андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамзамон, пешниҳод намудааст, ки моҳияти ҳуқуқии фардикунондани ҷазо дар рафти муайян намудани намуди мушаххаси ҷазо,

фардикунондани ҷазо дар рафти муайян намудани намуди мушаххаси ҷазо, муҳлат ё андозаи аниқи он дар доираи муқаррар намудаи қонун бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳкор, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад, ки дар маҷмуъ бояд барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат намоянд. Критерияҳои фардикунонидани ҷазо ҳам дар қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ ва ҳам дар моддаҳои дигари КҶ ҶТ (қ. 6 м. 49, м.м. 64, 65, 66 ва 88 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд. Суд ҳангоми фардикунондани ҷазо ду меъёрро ба роҳбарӣ мегирад: а) фардикунондани ҷазо вобаста ба критерияи асосӣ дар доираи санксияи моддаи мушаххаси КҶ ҶТ; б) фардикунондан бо назардошти критерияҳои махсус бо баромадан аз доираи санксияи моддаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ.

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 24 феврали соли 2005, таҳти №1 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» мебошад. Ба ақидаи боэътимоди муаллиф, қисми 2, б. 2 қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 24 феврали соли 2005, таҳти №1 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» пешниҳод карда мешавад, ки тағйирот бо мазмуни зайл ворид карда шавад: «муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, тавассути омилҳои зерин муайян карда мешаванд: омилҳои объективӣ, яъне усул ва ҷойи содир намудани ҷиноят, оқибати ҷинояти содиршуда ва дигар ҳолатҳои муҳиме, ки содиршавии ҷиноят ва ноил шудан ба натиҷаи онро осон мегардонанд». Инчунин, бояд шакли гуноҳ, намуди қасд ва беэҳтиётӣ, ангеза ва мақсади ҷинояти содиршуда ба назар гирифта шаванд.

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро

манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин бори аввал масъалаи таҳлили илмии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ инъикос гардидааст. Баъди дар соли 1998 қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комалексӣ мебошад, ки ба масъалаи татбиқи қоидаҳои м. 63 КҶ ҶТ бахшида шудааст. Ғайр аз таҳлили ин модда, муаллиф ҳамчунин моддаҳои монандро дар КҶ давлатҳои пасошуравӣ бо назардошти тағйироту иловаҳои охирони ба ин қонунгузориҳо воридкардашуда, ки ба мавзуи таҳқиқот дахл доранд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Пешниҳодҳои дар диссертатсия иброзшуда имконият медиҳад, ки меъёри дар м. 63 КҶ ҶТ сабтшуда такмил дода шуда, фаъолияти судҳо дар самти мазкур бо роҳи ворид намудани иловаҳо ба қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба тартиб андохта шавад.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дар бар мегирад.

Натиҷаи таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ доир ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, равона гардидааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳия гардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ

шудааст, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», дар фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти судӣ ҳангоми таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо, самаранок истифода шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

– Ба андешаи муаллиф, ба сифати ҳолатҳои мустасной ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкорро низ хеле кам мекунанд. Ҷой доштани чунин ҳолатҳо ба амал намудани институти таъини ҷазо вобаста ба санксияи қисми махсуси КҶ ҶТ дар мувофиқа бо принсипҳои адолат ва инсондустӣ, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат менамоянд.

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки аз ҳолатҳои сабуккунандаи дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда ба сифати ҳолати мустасной метавонанд танҳо ҳолатҳои дар б.б. «д», «е», «ж», «з», «и», «к» муқарраршуда баромад намоянд. Маҳз ҳолатҳои мазкур, ба андешаи муаллиф, нисбат ба ҳолатҳои дигари сабуккунандаи ҷазо бештар бо содиршавии ҷиноят бевосита робита дошта, инчунин рафтори шахсро ҳангоми содир намудани ҷиноят ва пас аз он тавсиф дода, ба имконияти кам гаштани дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва шахси гунаҳкори онро содирнамуда, таъсири зиёдтар мерасонанд.

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 аломатҳои таркиби ҷиноят нодуруст ба сифати аломати ҷиноят номбар шудаанд. Бинобар он, пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 КҶ ҶТ ибораи «...ба

сифати аломати ҷиноят...» бо ибораи «...ба сифати аломати таркиби ҷиноят...» иваз карда шаванд, чунки аломатҳои ҷиноят, ки дар қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ номбар шудаанд, аломатҳои таркиби ҷиноят нестанд ва ба номгӯи ҳолатҳои дар м.м. 61, 62 КҶ ҶТ пешбинишуда дохил карда шуда наметавонанд. Ҳамчунин муаллиф асоснок менамояд, ки ба қ. 1 м. 63 иловаи зерин ворид карда шавад: «...ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ё шахсияти гунаҳкорро хеле кам мекунанд...», зеро рафтори шахси гунаҳкор пас аз содир намудани ҷиноят, танҳо аз кам гаштани хавфнокии худи шахсият, на ин ки ҷиноят дарак медиҳад.

– дигар афзалияти таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз он иборат аст, ки бо мақсади бартараф намудани мухолифатҳои ҷойдошта ва дақиқ гардонидани матни м. 63 КҶ ҶТ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба м. 63 КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «...мумкин аст аз ҳадди поёнии ҷазои асосии дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида ҷазои камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои асосии дар ин модда пешбинигардида ҷазои асосии сабуктар таъин намояд ё (ва) ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад».

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад. Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, маводи дуруст интихобшуда бо назардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи

муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцсияи ҶТ, КҶ ҶТ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Дар саҳифаи 30 диссертатсия муаллиф чунин менависад " Ба андешаи мо, дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 аломатҳои мазкури таркиби ҷиноят нодуруст ба сифати аломати ҷиноят номбар шудаанд. Бинобар он, пешниҳод менамоем, ки дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 КҶ ҶТ ибораи «...ба сифати аломати ҷиноят...» бо ибораи «...ба сифати аломати таркиби ҷиноят...» иваз карда шаванд". Ин навиштаи муаллиф шарҳу тавзеҳи иловагиро талаб менамояд ва ин хулосабарорӣ ба мавзӯи тадқиқшаванда алоқамандӣ надорад;

2. Дар сатҳи рисолаи илмӣ муаллиф дар чанд ҷой ибораи "Ҷазои маъмулӣ"-ро мавриди истифода қарор додааст. Ҷазои маъмулӣ гуфта муаллиф кадом намуди ҷазоро дар назар дорад? Оё ҷазо маъмулӣ ва ғайримаъмулӣ шуда метавонад? (Саҳ. 39). Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ба ин масъала ба аъзоёни Шурои диссертатсионӣ маълумоти мушаххас мерасонид;

3. Дар саҳифаи 39 диссертатсия муаллиф чунин менависад "Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда қайд карда метавонем, ки ба ҳар як мафҳуми маъмулии ҷиноят, ки дар диспозитсияи қонун дода мешавад, ба ҳар як таркиб ҳама вақт ҷазои маъмулии умумӣ, ки дар санксияи асосии (маъмулии) моддаи ҷумла менависад "ба ҳар як мафҳуми маъмулии ҷиноят, ки дар диспозитсияи қонун дода мешавад". Оё дар диспозитсияи қонун якчан мафҳуми маъмулии ҷиноят дода мешавад ва ин кадом қонун бошад?;

4. Навгонии рақами 1, ки дар он масъалаи фардикунонии ҷазо матраҳ шудааст, бо мавзӯи тадқиқотӣ алоқамандӣ надорад. Албатта фардикунонии ҷазо бо падидаи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, алоқамандӣ дорад, лекин берун аз мавзуи тадқиқшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз, аз муаллиф талаб карда мешавад, ки сабаби пешниҳод намудани чунин навгониро ҳангоми ҳимояи ошкоро шарҳ диҳад.

5. Хулосаи якуми зербоби якуми боби якум диссертатсия дар шакли зерин навишта шудааст "Ин қоидаҳои бо қонуни ҷиноятӣ муқарраршудае мебошанд, ки суд бояд ҳангоми таъин кардани ҷазо аз рӯйи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ нисбати ҳар як шахси судшаванда ба роҳбарӣ гирад". Ҳангоми эҷод намудани мафҳуми нав, таърифи нав хуб мешуд ба сохтори мантиқии мафҳум, фаҳмо ва оммафаҳм будани он диққати махсус дода шавад. Зеро дар навиштаи муаллиф, яъне дар пешниҳоди мафҳум сухан дар бораи кадом қоидаҳо мераванд муайян нест.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Чоп намудани таълифоти натичаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович оид ба муҳтавои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор намудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия. Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натичаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзӯи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзӯи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №4 аз 27 декабри соли 2022.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Гайратов Тимуршо Муборакшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети

муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №6 аз 14 январи соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назарияви,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н.

Имзои Алиев Ф.Ш., Гайратов Т.М.
ва Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кучаи дехоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.

14.01.2023 с.